Анзурати Маликзод

# ДАҚИҚӢ ВА ЗАБОНИ ПОРСИИ ДАРӢ

Аҳди салтанати Оли Сомон даврони таҷаммул ва бар маснади бузургӣ нишастани забони форсии дари ба шумор меояд. Зеро дар ҳамин давра забони адабии нав-порсии дарӣ тоҷикӣ чун забони ягонаи меъёр шакликомили худро ёфт ва зербинои устувори адабиёт ва фарҳанги мардумони эрониасл бо ҳамин забон тарҳрезӣ гардид. Дар ин даврони пурнусрат гаҳвораи асосии забони форсӣ тоҷикӣ Хуросону Мовароуннаҳр ба шумор мерафт. Мардумони ин қаламрав дар густариши забони форсӣ саҳми бағоят бузург доштанд. Маҳз бо ташаббус ва ибтикори онҳо бештари китобҳои муқаддас ва муҳим ба забони форсӣ тарҷума шуда буд. Ин нукта дар муқаддимаи Тафсири Табарӣ чунин омадааст: «Ин китоб (Тафсири Табарӣ-А.М.)Тафсири бузург аст аз ривояти Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ раҳматуллоҳи алайҳ, тарҷума карда ба забони порсии дарӣ ва ин китоб ба забони тозӣ ва аснодҳои дароз буд ва биёварданд сӯи амир Сайид Музаффар Абӯсолеҳ Мансур ибни Аҳмад ибни Исмоил раҳматуллоҳи алайҳим аҷмаин. Бас душвор омад бар вай хондани китоб ва иборат кардани он ба забони тозӣ ва чунон хост, ки маар инро тарҷума кунанд ба забони порсӣ. Пас уламои Мовароуннаҳрро гирд кард ва ин аз эшон фатво кард, ки раво бошад, ки ин китобро ба забони порсӣ гардонем? Гуфтанд: Раво бошад хондан ва набиштани тафсири Қуръон ба порсӣ мар он касеро, ки ӯ тозӣ надонад ва аз қавли Худои аззаву ҷал, ки гуфт: Мо арсално Расула илло биллисони қавмиҳи. Гуфт: Ман ҳеҷ пайғамбареро нафиристодам магар ба забони қавми ӯ ва он к-эшон донистаанд».1

Аз ин нигошта бармеояд, ки Қуръон бо фатвои уламои Мовароуннаҳр ба форсӣ тарҷума шудааст. Гаҳвораи забони форси тоҷикӣ будани Хуросону Мовароуннаҳр аз ин ҷо ҳам аён аст, ки дар аҳди Сомониён шумори зиёди шоирону адибон аз ин сарзамин бархостаанд. Аз рӯи маълумоти таърихнигори Афғонистон Илҳомаи Мифтоҳ танҳо дар шаҳри Балх 78 тан шоири номдор зиндагӣ ва эҷод мекардааст. Ин шумораи зиёд шаҳодат бар он медиҳад, ки забони форси тоҷикӣ дар қаламрави Сомониён бунёди устуворе пайдо кардааст.

Аён аст, ки густариши забон бар нерӯи хираду заковати мардони сухангустару адибони соҳибсабку боистеъдод пайванди зич дорад. Ҳамингуна рисолати адабӣ дар асри Х ба номи устоди бузурги Сухан қофиласолори шеъри аҷам Абӯабдуллоҳи Рӯдакии Самарқандӣ пайвастагӣ дорад. Маҳз бо ибтикори шоистаи Устод Рӯдакӣ ва шоирони ҳамрӯзгораш бунёди устувори шеър ва забони дарӣ гузошта шуд.

Яке аз шоироне, ки ин ибтикори устод Рӯдакиро идома додаст, Абӯмансур Муҳаммад ибни Аҳмад Дақиқии Балхӣ будааст.

Бино ба иттифоқи аҳли тазкира Дақиқӣ яке аз шоирони шӯҳратёр ва бағоят дақиқбину тавонои аҳли салтанати Оли Сомон будааст. Мувофиқи маълумоти Носири Хусрав дар «Сафарнома» Дақиқӣ шоири

соҳибдевон будааст.Вале мутаассифона, ин девони шеърро ҳодисоти пурошӯби таърих мисли бисёр осори ҳунарию адабии мардуми эронитабор ба коми нестӣ дардодааст. Ва он чизе, ки аз мероси адабии Дақиқӣ то ба имрӯз дар сарчашмаю луғатномаҳо ва ҷунгу дастхатҳо бар ҷой мондааст, дар шакли девон дар Афғонистону Эрон рӯи Чоп омадааст ва барои пажӯҳишгарон имкони таҳқиқу баррасии осори шоирро фароҳам овардааст.

Аз Дақиқӣ ба ҷуз аз ҳазор байти достони ҳамосии «Гуштоспнома» шумори Каме аз ашъори ғиноии ӯ чун қасида, қитъа, рубоӣ, ашъори навъи ғазал ва байтҳои пароканда чизи дигаре боқӣ намондааст. Осори то ба рӯзгори мо расидаи Дақиқӣ хеле Каму андак аст.Аммо ин осори андак аз лиҳози мазмуну муҳтаво, санъати суханварӣ, тасвиргарӣ, рангомезиҳои хаёл, таҷассуми ормонҳои рӯзгораш, халлоқияти ҳунарӣ, инъикоси хусусиятҳои забонӣ хеле ҷолиб ва омӯзанда аст.

Дақиқӣ пас аз истилои араб яке аз нахустин шоирони тавоноест, ки аз суннату ойинҳои қадимаи ориёӣ, ба хусус аз Зардушт ва Кеши ростини ӯ бо эҳсоси баланди миллӣ ёд кардааст. Осори ғиноӣ (лирикӣ)-и ӯ эҳсосбарангезанда Буда, дар камоли фасоҳат ва балоғати суханварӣ эҷод шудааст. Ин мисраъҳо аз зумраи чунин шеърҳои Дақиқӣ Буда, бо санъатҳои лафзию маънавӣ ва тасвиргариҳои махсуси шоирона пероста гардидааст ва яке аз намунаҳои барҷастаи шеъри асри X мебошад:

Дарафканд, эй санам абри биҳиштӣ
Заминро хилъати урдибиҳиштӣ.
Замин бар сони хунолуд дебо,
Ҳаво бар сони ниландуд муштӣ…2

Дар умри дароз дидани забон ва фарҳангу адабиёти ҳар миллат ва таҳкиму устуворӣ бахшидан ба пояҳои маърифатии он қаламкашону адибони заковатманде саҳм мегузоранд, ки дорои истеъдоди фитрӣ Буда, сабку услуби эҷодии худро дороянд.

Бешубҳа Дақиқии Балхӣ дар саргаҳи чунин пешвоӣ ва раҳнамоӣ қарор доштааст. Зеро ӯ дар ҷодаи ҳамосасароӣ яке аз пешгомони ҳаким Фирдавсӣ Буда, роҳи эҷодии ӯро муайян кардааст. Он чи аз мероси ӯ боқӣ мондааст гувоҳӣ аз он медиҳад, ки дар сурудани ашъори ғиноӣ, ошиқона ва мадеҳавӣ ҳунар ва маҳорати бемонанде доштааст.

Ҳамчунин хадамот ва заҳамоти Дақиқӣ дар густариш ва инкишофи забони адабии асри X низ чашмгир ва сазовори ситоиш аст. Чунон ки маълум аст, забони шеъри ин аср содаву осон Буда, калимаю иборот асосан дар ҳолати табиии хеш бидуни маҷозу истиора ба кор гирифта шудааст. Шоирони ин рӯзгор аз истифодаи вожаҳои мураккабу душворфаҳм даст кашидаанд. Яке аз сабабҳои содагӣ ва ҳамафаҳмии забони осори асри X корбасти содатарин ва мардумитарин воҳидҳои забони форси тоҷикӣ мебошанд. Чунончи, вожагони сирешим (ширеш), шиёр (шудгор), зора, деҳқон, наздик, рустов а назири инҳоро, ки хонанда дар шеъри Дақиқӣ дучор меояд, фикр мекунад бо як тан аз фарди одии бемаълумот рӯба рӯсту бо ӯ Сухан мегӯяд. Интихоби чунин вожагони

сирф тоҷикӣ қубҳи шеър набуда, балки ҳусни шеърро афзудаанд, зеро онҳоро шоир ба ҷо ва дар мавриди худ истифода кардааст.

Дақиқӣ бо ёрии чунин вожагони сода воқиаҳо ва ҳодисаҳои олами ҳастиро бисёр табиӣ ва дилчасп тасвир намуда, лавҳаҳои зебои бадеӣ меофарад ва ба хонандаи шеър завқи бадеӣ ва лазати маънавӣ мебахшад.

Масалан, вожаҳои ҳаммаънои сирешим ва кабдо (маънои ҳарду ширеш аст)-ро, шоир онҳоро барои баёни матлаб устодона ба кор бурдааст:

Аз он ки мадҳи ту гӯям дуруст гӯяму рост,
Маро ба кор наёяд сирешиму кабдо.

Вожаҳои шиёр (шудгор), деҳқон, гӯсфанд, хабак(чордевори саркушодае, ки шабҳо дар он ҷо ҳайвоноти аҳлиро нигоҳ медоранд), ҷохушк(дос), калота ва амсоли инҳоро, ки бештар марбут ба забони гуфтугӯист, Дақиқӣ дар силки калимаҳои бадеӣ оварда, барои сохтани тасвир ва баёни ҳолати Аше аз онҳо фаровон истифода мекунад. Мақсади ӯ дар бештари маврид аз истифодаи чунин вожагон сохтани санъатҳои лафзию маънавӣ набуда, балки танҳо баёни як ҳолате аз ҳастӣ ва ифодаи эҳсосе беш нест. Дар ин гунна лаҳзаҳо вожаҳо дар шеърҳои шоир бештар ба маънии аслӣ омада, маънои духӯраро ифода намекунанд ва бори саноеи бадеиро намекашанд. Чунончи:

Кардаш андар хабак деҳқон гӯсфанд
В-омад аз сӯи калота дилнажанд.

Чунин тарзи интихоби вожагони сода шеъри Дақиқиро ба содагӣ, зебоӣ ва дилнишинии табиат баробар гардондааст. Ба иборaи дигар содагии тасвирӣ ва забонии осори шоир ба содагии эҷодиёти мардум баробар Буда, сухани маъмулӣ ва зарифонаи онҳоро ба хотир меоварад. Масалан:

Он, к-ат кулӯхрӯй лақаб кард, хуб кард.
Зеро лақаб гарон набувад бар дили фағок.

Як ҳиссаи муҳими таркиби луғавии шеърҳои Дақиқиро вожагони суғдӣ ташкил менамоянд. Калимаҳои бисечидан, чархушт, чафта, фазоиста, фағок, фарзом, факз, фахан, фариш, бут, оғолиш, шахудан, шаҷом, шаҷоидан, ойифт, афдасто, хафча ва ғайраҳо аз ҳамин қабиланд. Аз ашъори шоир аён мегардад, ки ӯ ин гунна вожаҳоро огоҳона, мавридшиносона ва мувофиқи зарурати мақсади эҷодӣ ба кор бурдааст. Масалан, вожаи чархушт, ки маъниаш чарх ва ҳавзе бошад, ки ангур дар он резанд ва бимоланд, то шираи он барояд аст, ба шоир барои он лозим шудааст, ки ҳоли музтари хешро аз ҷудоиву ҳиҷрон ба тасвир бикашад:

Манн сард наёбам, ки маро з-оташи ҳиҷрон,
Оташкада гаштаст дилу дида чу чархушт.

Ҳолати аз ҷудоии ёр ашкрезон шудани қаҳрамони ғиноии шоир ба чархушт шабоҳат ёфтааст. Дар зеҳни дақиқбини Дақиқӣ ҳолати дар ҳаҷр афтидани ёр танҳо ба ҳолати чархушти шираи ангурро ҷудокунанда монандӣ пайдо кардааст, на ашёи дигар. Танҳо вожаи чархушт тавонистааст, ки ҳолати ботинии шоирро ифода намояд.

Маънии калимаи фарзом дар луғат сазовор ва шоиста бошад.Ҳамин калима барои ифодаи маънии мазкур дар байти зерин мавриди истифода қарор гирифтааст:

Макун, эй рӯйнакӯ, зиштӣ бо ошиқи хеш,
К-аз накӯрӯён зиштӣ набувад фарзомо.

Дақиқӣ барои тасвири воқиаҳои ҳастӣ вожагонеро интихоб мекунад, ки онҳо номи ашёи рӯзгорро ифода карда, барои барҷаста тасвир ёфтани андешаи шоирона ба кор гирифта шудаанд.Масалан, вожаи факз дар луғат ба маънои дегдон Буда, онро Дақиқӣ барои мазамматибаддилию фитнакори чу насоси ташбеҳ истифода карда, чунин байти сода офаридааст:

Зи баски отаги фитна ба дил барафрӯзӣ,
Сиёҳрӯю ғализӣ чу факзи оташдон.

Маънии вожаи оғолиш мардумро ба хусумат афкандан, ҷанг ва кинаварзиро дошта, барои баёни матлаби андарзӣ ва ҳакимонаи Дақиқӣ ба кор рафтааст:

Хештан пок дору бепархош,
Рӯ ба оғолиш андарун махрош.

Аҳамияти вожагони суғдӣ дар ашъори шоир танҳо бо ифодаи ормони эҷодии Дақиқӣ маҳдуд нашуда, балки шоири суханшинос бо ин роҳ мавқеи чунин вожагони ноби мардумиро дар забони тозабунёди форси дарӣ-тоҷикӣ устувор намуда, дороии луғавии забони модарии худро аз ин ҳисоб афзудааст.

Дар ашъори бозмондаи Дақиқӣ вожаҳои арабӣ низ боздид мешаванд. Вуруди босуръати унсурҳои забони арабӣ ба форси тоҷикӣ чунон ки маълум аст, як амри табии буд. Дар ин замон ҳарчанд тарзи андешаронӣ ва тафаккур форсӣ буд, аммо бештаре аз шоирони форсинажод ба забони арабӣ менавиштанд. Дар эҷодиёти Дақиқӣ низ баъзе унсурҳои забони арабӣ боздид мешаванд, вале камтар. Аз 1040 вожаи ашъори ғиноии шоир 194 калимаи арабӣ ба кор рафтааст. Калимаҳои ол, аҷром, изор, ашқар, алфоз, имом ва ғайра аз ҳамин қабиланд.

Аз рӯи қиёс бо шоирони муосираш шумори вожагони арабие, ки Дақиқӣ дар осораш ба кор бурдааст, хеле кам аст.

Дақиқӣ дар асри X шояд яке аз нахустшоирони порсигӯй аст, ки барои покизагии забони модарии хеш аз калимоти ғайр кӯшишҳои ҷиддӣ кардааст. Ин нуктаро муҳаққиқи таърихи адабиёти форсӣ доктор Шиблии Нӯъмонӣ ба мушоҳида гирифта, чунин навиштааст: «То замони Дақиқӣ алфози арабӣ ба дараҷае ба форсӣ омехта буд, гӯйи забони солисе аз ин миёна пайдо шуда. Аз ашъори Аббоси Марвазӣ бо он ки ҳамаи он чаҳор байт беш нест, лекин алфози арабии он аз форсӣ бештар аст, каломи Рӯдакӣ ва Балхӣ ва монанди он ҳам тақрибан дар ҳамин радиф мебошад. Ва аввалин кассе, ки забони форсиро аз ихтилот ва омезиш халосӣ бахшида ва як забони мустақиле нишон дод, Дақиқӣ будааст. Ҳазорон ашъори ӯро, ки мехонед, як лафзи арабӣ дар он дида намешавад.»3

Воқиан забони ашъори Дақиқӣ дар ниҳояти содагӣ Буда, вожагони шеър бештар дар маънии табиии хеш ва содаю бепироя ба кор рафтааст. Масалан:

Чу Гуштоспро дод Луҳросп тахт,
Фуруд омад аз тахту барбаст рахт.

Сабки нигориш ва услуби баёни Дақиқӣ ҳамон сабки Хуросонӣ ва ҳамон услуби баёни осонфаҳми «саҳли мумтанеъ» аст, ки устод Рӯдакӣ бар он бунёди устуворе гузошта буд. Забони осори Дақиқӣ ҳамон забони ноби адабии тоҷикони Хуросонзамин аст, ки имрӯз ҳам бе ҳеҷ душворӣ ва ҳатто ба осонӣ ва бидуни истифодаи фарҳангҳо фаҳмида мешавад. Ва бештари вожагонеро, ки шоир дар шеъраш ба кор бурдааст, имрӯз ҳам бе ҳеҷ тағйироти овозӣ дар гуфтугӯйи мардуми тоҷик фаровон истифода мешавад. Калимаҳои деҳқон, зора, навдв (набера),гирда (нони гирдача),сиёр(кашк ва ё қурутоб), шудгор, русто, коса ва ғайраҳо, ки шумораашонро ба маротиб метавон афзуд, намуна шуда метавонанд, ки Дақиқӣ онҳоро аз забони гуфтугӯии мардуми замонаш интихобан ба шеър ворид карда, тасвирҳои воқеию ҳаётӣ офаридааст. Аз ин рӯ содагиҳои забони ашъори ӯ ба содагии воқеии забони гуфтугӯии мардум ва ҳатто рустоиён баробар Буда, саҳми ӯ дар рушди забони адабии тоҷикии асри X бағоят бузург ва сазовори ситоиш аст.

Пайнавишт:

1.Навид Ҳабиби Илоҳӣ. Садаи Сомониён ва таъсири онон дар эҳёи забони форсӣ. Теҳрон.2525,саҳ 177.

2.Дақиқӣ ва ашъори ӯ. Гмрдоваранда Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. Теҳрон 1342.

3. Шиблии Нӯъмонӣ. Шеърулаҷам, ҷ.1, Теҳрон. 1371.